ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 09 соли 2026 № 327/6 ш. Душанбе

Дар бораи баробараразиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмии Ғоибназаров Чоршанбе

Мутобиқи сархати панҷуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 тасдиқ гардидааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), ки аз ҷониби Донишгоҳи Ҳумболдти Берлин аз 07 ноябри соли 2019 ба Ғоибназаров Чоршанбе дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020401-Назария ва таърихи фарҳанг баробараразиш дониста шавад.
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахозода) ҳуҷҷати намунаи давлатиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Самариддини Ҷамоли) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2026, №9

Раис Сайфиддин Давлатзода